# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи номзадии Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Пажуҳиши диссертатсионии Султонов Муҳамадато Исоевич ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми рӯзноманигории тоҷик – омилҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофи нашрияи парламентии «Садои мардум» бахшида шудааст.

**Мавзуи диссертатсия нав буда,** дар илми рӯзноманигории тоҷик бори аввал дар шакли таҳқиқи диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар он омилҳои пайдоиш ва марҳалаҳои ташаккулу рушди нашрияи парламентӣ таҳқиқ ва вижагиҳои шакливу ороишӣ, мазмуну мундариҷа ва жанрии он бо назардошти аломатҳои умумӣ ва хосса, таҳлил шудааст.

Унвонҷӯ ҳамчун рӯзноманигори боҷабриба бо дарку маърифати хуби илмӣ ба таҳқиқи мавзуъ муносибати ҷиддӣ намуда, дар муддати кӯтоҳ ба сарчашмаҳои назариву амалӣ шинос гардид, маводи нисбатан кофии илмиву амалиро дастрас намуд, бо коркарди нисбатан амиқу ҳаматарафаи онҳо вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кард ва ба ин тариқ ба мақсади кори диссертатсионӣ – илман муайян намудани заминаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии таъсиси нахустрӯзномаи парламентии Тоҷикистон – «Садои мардум» ва марҳалаҳои инкишофи он бо назардошти вижагиҳои шакливу мундариҷавӣ ва жанрӣ ноил гардид.

Муҳтавои диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.22. Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд**.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима чун анъана аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, навгонии кор бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа, методҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ ва дараҷаи таҳқиқи он муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор дорои низоми муайяни илмӣ буда, таҳқиқи таркиботи мавзуъ зина ба зина сурат гирифтааст. Бобу фаслҳои диссертатсия аз нигоҳи муносибат ба мавзуъ, шеваи омӯзиш ва мантиқи

таҳлилу хулосабарориҳо ба ҳам сахт алоқаманд буда, тарҳи нисбатан комили кори диссертатсиониро фарҳам овардааст.

Ба ин мазмун, агар дар боби якум заминаҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум» бо такя ба вазъи сиёсиву иҷтимоии замони бозсозӣ ва шароиту имконоти замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон баррасӣ шуда бошад, дар боби дуюм вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия бо таснифу таҳлилҳои муқоисавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Хусусияти мавзуи бобҳо тақозо намуда, ки унвонҷӯ дар таҳқиқи боби аввал муносибати таърихӣ ва дар боби дуюм муносибати публитсистикашиносиро афзалият донад.

Мавзуи баҳси боби сеюмро хусусиятҳои жанрии маводи нашрия бо муайян кардани таносуби жанрҳои алоҳидаи публитсистӣ, бахусус хабариву таҳлилӣ ва мавқеи онҳо дар рӯзномаи «Садои мардум» ташкил медиҳад.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикр намудаи унвонҷӯ характери илмӣ ва амалӣ дошта, то андозае донишҳои назариявӣ ва амалиро дар самти таърихи рӯзноманигорӣ ва публитсистикаи тоҷик афзуда метавонад. Натиҷаҳои аз рафти таҳқиқ ба дастомада барои таҳқиқи баъзе ҷанбаҳои таърихи журналистикаи муосири тоҷик, хусусиятҳои мавзуиву жанрии маводи публитсистӣ, хосса рӯзномаи «Садои мардум» дар солҳои 1991-2020-ум аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалӣ доир ба таърихи журналистикаи тоҷик ва публитсистика истифода кард.

Унвонҷӯ дар тӯли солҳои унвонҷӯйӣ худро ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда, хушмуомила, оромтабиат, таҳаммулпазир, дорои қобилияти эҷодӣ ва тавоно нишон дода, дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ сабурона, аммо босамар машғул шуд, ба қадри тавон доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмӣ маърӯзаҳо хонд, мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ ва илмиву оммавӣ ба нашр расонд. Таҳқиқи анҷомгирифта маҳсули заҳмати бевоситаи ӯ буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расид.

Хулосаҳои таҳқиқи Султонов Муҳамадато Исоевич ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва матолиби доир ба мавзуи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф – **6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4** мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва маърузаҳояш дар конференсияҳои сатҳи гуногун таъйид мекунанд.

Бо назардошти сифатҳои хуби шахсии муаллиф ва омодагии самараноки ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқии мустақил ҳисоб мекунам, ки таҳқиқи диссертатсионии Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи матбуоти
факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ М.Б.

Суроға:
734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ, 95, ҳ. 6
Тел.: (+992) 934251532.
E-mail: murodi@mail.ru

Имзои Муродӣ Мурод Бердиро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«24» октябри соли 2025.